Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-100
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш. Душанбе,
хиёбони Борбад, 48/5, бинои таълимии “В”)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори фарсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Манучеҳри Нозимии Рачабзода ба диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович дар мавзуи «Такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит мутобиқ мебошад: 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ; 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии бухгалтерӣ; 1.5. Батанзимдарорӣ ва стандартикунонии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ ҳангоми ташаккули маълумоти ҳисоботӣ; 1.6. Мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии бухгалтерӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ; 1.12. Трансформатсияи ҳисоботи молиявии миллӣ бо талаботи стадартҳои байналмилалӣ ва стандартҳои дигар давлатҳо;

Мубрамияти мавзӯи диссертатсия

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳалимов Парвиз Абдувакилович, ки ба мавзӯи «Такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ» бахшида шудааст, дар шароити ҳисоботи муҳосибӣ ба СБҲМ яке аз мавзуъҳои муҳиму актуалӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯзаи рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ қонеъ намудани талаботи иттилоотии роҳбарон ва сармоягузорон яке вазифаҳои муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ буда, маҳз иттилооти муҳиму саривақти метавонад сармоягузоронро ҳавасманд намояд. Маҳз ба ҳамин хотир такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳоро, ки метавонад ба рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ саҳмгузор гардад, метавон мавзуи муҳиму актуалӣ номид. Зеро маҳз рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ метавонад барои расидан ба ҳадафи

стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – саноатикунонии босуръати кишвар саҳми назаррас гузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни паёми худ дар таърихи 16.12.2025 сол ба Маҷлиси Олии кишвар дастур доданд: "- Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ ва Кумитаи андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор чиҳати гузариши пурра ба раванди рақамии идораи молияи давлатӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ дар ҳамаи субъектҳои хоҷагидор, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, корбарӣ намоянд".

Дар партави дастури Пешвои миллат муаллифи диссертатсия низ кушиш намудааст, ки дар ҷори намудани Стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ саҳми худро гузорад. Зеро рушди низоми ҳисобдории мутобиқ ба Стандартҳои байналмилалиро бе рушди нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ тақвияти нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ ва дар ин замина рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити татбиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Дар шароити кунунӣ дар низоми ҳисобдории Тоҷикистон мушкилоти зиёде мавҷуданд, ки ҳалли он аз мутахассисони соҳа масъулияти зиёдеро тақозо менамояд. Низоми нақшаи ҳисобҳо аз зумраи чунин мушкилот буда, такмили саривақтиро мехоҳад. Зеро пас аз қабул гардидани нақшаи ҳисобҳои амалкунанда дар соли 2011 дигар ба нақшаи мазкур ягон тағирот ворид нагардидааст ва дар ин муддат дар Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тағироти зиёде ворид гардидааст. Амалан вақте тағирот дар низоми Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ворид гардад, барои мутобиқгардонӣ ба он нақшаи ҳисобҳо низ бояд такмил дода шавад ва ё тағирот ворид гардад. Нақшаи ҳисобҳо бояд ифодакунандаи маълумоти пурраи ҳисобдорӣ дар ҳама корхонаву ташкилотҳо бошад. Зеро маҳз нақшаи дурусти ҳисобҳо заминаи асосии пешниҳоди маълумот барои истифодабарандагони манфиатдор мебошад. Аз инрӯ нақшаи ҳисобҳо бояд тавре таҳия ва пешниҳод гардад, ки истифодаи ахбороти муҳосибӣ тавассути он ба истифодабаранда дақиқ ва фаҳмо бошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки айни замон дар низоми ҳисобдорӣ дар баробари зуд-зуд такмил ёфтани Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ инчунин барномаҳои гуногун мавриди истифода қарор гирифта истодаанд, ки баъзеяшон ба талаботи замони муосир комилан мувофиқат намекунанд ва бояд нисбат ба такмили барномаҳои истифодашаванда ва дар

умум такмили низомномаву дастурамалҳо ва нақшаи ҳисобҳо чораҳои таъхирнопазир андешида шаванд. Танҳо таҳияи нақшаи нави ҳисобҳо наметавонад мушкилоти мавҷударо ҳаллу фасл намояд. Дар баробари таҳия ва ё такмили нақшаи ҳисобҳо инчунин дастурамали назариявӣ ва амалии истифодаи нақшаи ҳисобҳои пешниҳодшуда ва ба ин васила муайянсозии ҳадаф ва вазифаҳои нақшаи ҳисобҳо аз манфиат холӣ нест. Маҳз гуфтаҳои боло ифодакунандаи мубрамият ва рӯзмарраи мавзӯи диссертатсионӣ мебошад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки ҳамчун навгониҳои илмӣ дар диссертатсия пешниҳод карда шудаанд ва дар шакли хулоса ва тавсияҳо баён гардидаанд, бо истифода аз натиҷаҳои назариявию амалӣ, тадқиқотҳо, таҷрибаҳо, таҳлили маълумот оид ба нақшаи ҳисобҳои амалкунанда, тартиби таҳия ва пешниҳоди модели нақшаи ҳисобҳо ва пешниҳоди нақшаи ҳисобҳо бо тарҳи нав тасдиқи худро ёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқотро асосноккунии заминаҳои назариявию методӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати дар оянда дар сатҳи мувофиқ ба талаботи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ такмили низоми нақшаи ҳисобҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгониҳои илмиро дар бар мегиранд, инҳо мебошанд:

1. Аз ҷиҳати илмӣ асосноксозӣ ва муқаррар намудани аҳамияти амалӣ ва зарурияти низоми ҳисоботи муҳосибӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи идоракунии молиявӣ ва таҳаввули баҳисобгирии молиявӣ. Ба ақидаи муаллиф низоми ҳисоботи муҳосибӣ ҷузъи ҷудонашавандаи идоракунии молиявӣ буда, бе такмил ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани он идоракунии молиявии корхона мушкил гардида, ҳатто метавонад то ба аздастдиҳии идоракунии корхона оварда расонад. Аз ин рӯ низоми ҳисоботдиҳии корхона бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки ҳамаи маълумоти молиявӣ дақиқ, шаффоф ва муқоисашаванда бошанд. Танҳо дар ин ҳолат низоми ҳисоботдиҳӣ вазифаи худро пурра иҷро менамояд ва дар баробари ин идоракунии молиявӣ устувор гардида, эҳтиёҷоти иттилоотии истифодабарандагони манфиатдори иттилооти молиявӣ қонеъ карда мешавад ва низоми молиявӣ устувор гардида, рақобатпазирии корхона таъмин карда мешавад. Дар ин банди навгониҳо муайян карда шудааст, ки низоми ҳисоботдиҳии корхона ва ташкили дурусти он бе мавҷудияти нақшаи дурусти ҳисобҳо ғайриимкон буда, бе ташкили нақшаи ҳисобҳои мувофиқ наметавон низоми ҳисоботдиҳии дурустро ташкил намуд. Аз ин рӯ барои ташкили дурусти низоми ҳисоботдиҳӣ пеш аз ҳама нақшаи ҳисобҳо бояд дуруст

ва мутобиқ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ таҳия карда шавад.

2. Пешниҳоди таснифи ҳисоботи ҷорӣ-амалкунанда бо муқаррар намудани мушкилоти рушди минбаъдаи он, асосноксозии илмӣ-амалии механизми таъминоти иттилоотии раванди идоракунии корхона. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия нақшаи ҳисобҳо, ки дар идоракунии молияи корпоративӣ, ҳисоботдиҳӣ ва ҳисоботи молиявӣ нақши калидӣ дорад, бояд ҳафт ҳадафи асосиро иҷро кунад: назорат аз болои ҳаракати воситаҳои пулӣ, тақсимоти маблағҳо дар давоми давра, идоракунии захираҳо ва равандҳои фаъолият, ҷараёни пешниҳоди ҳисобот (ё ҳисоботдиҳӣ), идоракунии буҷа, такмили низоми идоракунии самараноки молиявӣ ва ба нақшагирии молиявӣ, идоракунии самаранкои иттилоот, ки тамоми паҳлуҳои корхонаро фаро мегирад, ҳисоботи молиявии таъйиноти умум, ҳисоботи оморӣ. Муаллиф дар баробари таснифи ҳисобҳои ҷорӣ-амалкунанда ҳамчунин мушкилоти рушди минбаъдаи онҳоро низ пешниҳод намудааст, ки дар амал бартараф намудан ва ҳалли мушкилоти он ба манфиати кор хоҳад буд. Ба ақидаи муаллиф барои тарҳрезӣ, татбиқ ва пешбурди самараноки нақшаи ҳисобҳо ҳадди ақал ҳафт принсипи асосиро муайян кардан мумкин аст: яклухтӣ, тафсилоти кофӣ, истисноии тарафайн, пешгирии такрор, мутобиқати дохилӣ, сохтори ягона ва андозагирӣ. Риоя гардидани ин принсипҳо метавонад ташкили самараноки нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибиро таъмин намояд. Барҳам додани ҳисобҳои зиёдатӣ ва такрорӣ эҳтимолияти нофаҳмиҳоро ҳангоми навишти амалиёт ва ҳисоботдиҳӣ коҳиш медиҳад. Ба назар мерасад, ки агар ҳисобҳо камтар бошанд, маъмулан амалияи коркард ё таҳқиқи фарқиятҳо самарабахштар ва суръаташ бештар мегардад. Бо кам шудани шумораи ҳисобҳо ё амалиётҳо, бурдани таҳлил ва қароргирии фарқиятҳо ё тағйиротҳо осонтар ва зудтар мегардад, ки ин ба беҳтар шудани самаранокӣ ва суръат кумак мерасонад ва ҳисоботдиҳӣ имконпазир мегардад.

3. Таҳияи низоми универсалии ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ дар асоси консепсияи нақшаи ҳисобҳо ва таҳқиқи ҷанбаҳои амалии нақшаи амалкунандаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ. Муаллифи диссертатсия барои рушди низоми ҳисобҳо дар корхонаҳои тиҷоратӣ ба таҳияи нақшаи ҳисобҳои универсалӣ бартарӣ додааст. Зеро дар корхонаҳои тиҷоратӣ муаллиф чунин меҳисобад, ки дар корхонаҳои тиҷоратӣ нисбат ба корхонаҳои истеҳсоливу сохтмонӣ тарзи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ нисбатан содатар буда, дар он истифодаи нақшаи ҳисобҳои универсалӣ имконпазир аст.

Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи низоми баҳисобгирии дохилӣ, як қадами муҳим истифодаи таҷрибаҳои пешрафтаи байналмилалӣ дар таҳияи нақшаи намунавии баҳисобгирӣ мебошад. Мақомоти давлатӣ, инчунин дастурҳоро

оид ба истифодаи ҳисобҳо дар сомонаи расмии худ барои субъектҳои тиҷоратӣ, ки ҳисобҳои онҳо универсалӣ ва ягона мебошанд, нашр намудааст. Дар сатҳҳои якум ва дуюм фаъолияти субъектҳои тиҷоратӣ омӯхта мешавад. Ҳисобҳои универсалӣ дар асоси сиёсати дохилии ширкат ва тартиботи мушаххаси баҳисобгирӣ таҳия карда мешаванд. Субъектҳои тиҷоратӣ мустақилона нақшаҳои ҳисоботии худро дар асоси талаботи қонунгузорӣ таҳия мекунанд. Нақшаи низоми баҳисобгирӣ барои идоракунии тиҷорат имрӯз муҳим аст, таҳияи он барои субъектҳои тиҷоратӣ мувофиқи низоми баҳисобгирӣ ва сиёсати дохилӣ асоси навоварӣ дар навсозии нақшаи баҳисобгирӣ мебошад. -Нақшаи баҳисобгирӣ ва сохтори он низ баъзе камбудиҳои назаррас дорад, аз ҷумла арзиши истеҳсолот, баҳисобгирии андоз ва ташкили он, гуногунии фаҳмишҳо, натиҷаҳои молиявӣ ва тартиби баҳисобгирӣ. Бахшҳои дар боло зикршуда пурра таҳия шудаанд ва омӯзиши онҳо зарурат ва аҳаммияти мавзуи интихобшуда ва самтҳои асосии таҳқиқотро муайян кард.

4. Коркарди муаллифии модели нави нақшаи ҳисобҳо дар низоми баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки такомули сиёсати баҳисобгирӣ, инчунин пешниҳоди нақшаи кории ҳисобҳо дар асоси тағйирот ва дигаргуншавиҳо дар СБҲМ. Дар ин банди навгониҳо муаллифи диссертатсия дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда модели тағйирёфтаи нақшаи ҳисобҳоро барои соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ таҳия намудааст. Муаллиф бо дарназардошти тамомияти унсурҳо ва стандартҳои ҷаҳонӣ таҳқиқотро ба итмом расонида, истифодаи синфҳои муосири баҳисобгириро дар асоси СБҲМ зарур мешуморад. Ин ҳолат ба эҷоди барномаҳои стандартии автоматикунонии баҳисобгирии миллӣ мусоидат мекунанд. Бо ин мақсад на танҳо такмили низоми дастрасии иттилоотӣ ва мантиқии баҳисобгирии муҳосибӣ таъмин карда мешавад, инчунин таҳияи баҳисобгирии идоракуниро дар асоси бисёрнавъӣ ва тафсилоти кофии маълумот оид ба параметрҳои гуногуни фаъолияти ҳисоботҳои идоракунӣ барои эҳтиёҷоти идоракунӣ таъмин менамояд; формати модел имкониятҳои васеи таҳлилиро барои назорат ва арзёбии нишондиҳандаҳои харочот аз рӯйи намуди маҳсулот, корҳо, хизматрасониҳо, сегменти фаъолият ва монанди инҳо талаб мекунад.

Сохтори диссертатсия ва мазмуну мундариҷаи он

Диссертатсияи пешниҳодгардида аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, дар маҷмуъ, матни диссертатсия 217 саҳифаро ташкил намуда, он 19 расм ва 30 ҷадвал иборат мебошад.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзӯи таҳқиқот,

дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, фарзияҳои таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро овардааст.

Дар боби якуми диссертатсия ба "Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди низоми нақшаи ҳисобҳо дар шароити муносибатҳои бозорӣ" такя намуда, дар он масъалаҳои нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва мавқеи он дар сохтори идоракунии молиявӣ, асосҳои назариявӣ ва марҳилаҳои рушди нақшаи ҳисобҳо, хусусиятҳо ва мушкилоти таснифоти нақшаи ҳисобҳои амалкунанда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар зербоби 1.1. (саҳ. 14-33) муаллиф бештар кушиш намудааст, ки нақш ва мавқеъи нақшаи ҳисобҳоро дар сохтори идоракунии корхона ва саҳми нақшаи ҳисобҳоро дар ҷараёни пешниҳоди иттилооти молиявӣ нишон диҳад. Муаллиф дар ҷадвали 1.1. (саҳ. 26) бо мақсади муайян намудани мавқеъи нақшаи ҳисобҳо дар низоми идоракунӣ, сохтори нақшаи ҳисобҳоро дар раванди мувофиқати ҳисоботи молиявӣ ба амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ба се қисм ҷудо намуда, бо такя ба ақидаи Б. Нидлз ишора менамояд, ки агар як бахшро дар асоси муносибатҳои барқароршуда байни онҳо нақша кардан мумкин бошад, рамзи амалиёт сатҳи пасттарин, танҳо бахши аввалияро дар бар мегирад, зеро бахши дуюмро тавассути нақшаи ҳисобҳо гирифтан мумкин аст. Ба ақидаи муаллиф агар аз нақшаи ҳисобҳо ҳисобҳои нолозим ва зиёдатӣ хориҷ карда шаванд, раванди маълумотдиҳӣ содатар гардида, такрори эҳтимолии маълумотҳо ҳангоми ҳисоботдиҳӣ аз байн меравад.

Дар зербоби 1.2. (саҳ 33- 53) муаллифи диссертатсия асосҳои назариявӣ ва марҳилаҳои рушди нақшаи ҳисобҳоро оварда, иброз медорад, ки дар замони соҳибистиқлолӣ шаклҳои гуногуни моликиятдорӣ ба вуҷуд омада, шакли анъанавии он, ки танҳо моликияти давлатӣ унвон мешуд, ба шаклбандии моликияти хусусӣ (ҷамъиятҳои саҳомӣ, корхонаҳои муштарак, соҳибкории инфиродӣ) гурӯҳбандӣ карда шуд. Ин ҳолат меъёрҳои нави идоракунии шаклҳои навро ба вуҷуд оварда, дар миқёси истифодабарандагони алоҳида баҳисобгирии озод ва шаффоф шаклгирифтаро рӯйи кор овард. Маҳз ҳамин ҳолат зарурати такмили нақшаи ҳисобҳоро бо мақсади ба даст овардани иттилооти дақиқи ва саривақтӣ ба миён овардааст.

Муаллиф чунин меҳисобад, ки нақшаҳои ҳисобҳо ё бунёди якҷояшавии онҳо асоси ҳама гуна низоми баҳисобгирӣ мебошанд, зеро онҳо ҳамчун ташаккули низоми баҳисобгирии иттилоотие баромад мекунанд, ки аз методҳо ва моделҳо иборатанд. Муаллиф дар расми 1.1. (саҳ. 37) ақидаи

худро бо пешниҳоди модели сохтори таҳияи интегралии низоми баҳисобгирӣ асоснок намудааст. Дар баробари ин муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар чаҳорчӯбаи меъёрҳои муқарраргардида ба инобат гирифтани чунин имкониятҳои объективӣ ва зина ба зина ворид намудани тағйироти мантиқӣ ба нақшаи ҳисобҳо дар асоси меъёрҳои мушаххас муносиб дониста мешавад ва чаҳорчубаи меъёрҳоро, ки ба ақидаи муаллиф дар асоси онҳо бояд ба нақшаи ҳисобҳо тағирот ворид гардад, дар ҷадвали 1.3. (саҳ 41) овардааст.

Дар зербоби 1.3. хусусиятҳо ва мушкилоти таснифоти нақшаи ҳисобҳои амалкунанда (саҳ. 53-67) номгузорӣ гардида, дар он муаллиф мушкилоти нақшаи ҳисөбҳои амалкунандаро инъикос намудааст. Дар ин зербоб муаллиф қайд менамояд, ки аз қабули нақшаи ҳисобҳои амалкунанда зиёда аз 15 сол сипарӣ гардида, бо тағирот дар чанде аз стандартҳои СБҲМ ва тағир ёфтани низоми ҳисоботдиҳӣ зарурияти такмили нақшаи ҳисобҳо ба миён омадааст. Муаллиф чунин меҳисобад, ки барои сохтани Нақшаи ҳисобҳо тибқи СБҲМ се равиши асосӣ вуҷуд дорад. Равиши аввал ин васеъ кардани Нақшаи ҳисобҳои мавҷуда тибқи низомномаҳои миллӣ мувофиқи СБҲМ мебошад. Тартиби дуюмдараҷаи истифода ин ташкили нақшаи ҳисобот бо ѐрии амсилаи англосаксионии Нақшаи ҳисобот мебошад. Мушкилии махсус ҳангоми сохтани Нақшаи ҳисобҳо барои баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи СБҲМ ин тартиби рамзгузории ҳисобҳо мебошад.

Боби дуюми диссертатсия “Таҳлили вазъи муосири таъминоти иттилоотӣ ва рушди низоми нақшаи ҳисобҳо” номгузорӣ гардида, муаллиф дар ин боб (саҳ. 70-130) нақшаи ҳисобҳои амалкунандаро мавриди таҳлил қарор додааст ва роҳҳои такмили онро бо истифода аз имконоти мавҷуда пешниҳод намояд.

Дар зербоби 1.1-и боби мазкур (саҳ. 70-84) баҳодиҳии таъминоти иттилоотии ҷараёни идоракунии корхона дар асоси консепсияи нақшаи ҳисобҳо мавриди тадқиқоти муаллиф қарор гирифта, муаллиф гуфтаҳои худро бо такя ба корҳои илмиву тадқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ ва истифода аз маълумотҳои амалӣ асоснок намудааст.

Дар ҷараёни таҳияи консепсияи нақшаи ҳисобҳо, муаллифи диссертатсия ба шаш мавқеи зерин, ки оптикаи нақшаи ҳисобҳоро муайян мекунанд, (саҳ. 73-74) такя намудааст:

- самтҳои рушд, ки ба ташкили нақшаи ҳисобҳо таъсир мерасонанд;
- хусусиятҳои консептуалии оптикае, ки нақшаи ҳисобҳоро муайян мекунад;
- техникаи ҳисоб, ки бунёд ва имкониятҳои нақшаи ҳисобро муайян мекунад;
- ҳадафи мутобиқгардонии истифодаи нақшаи ҳисобҳо.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар консепсияи таҳиянамудаи мо нақшаи ҳисобҳо, ҳадафи мутобиқгардонӣ вобаста ба баҳисобгирӣ гуногун аст:

- ҳисоби молиявӣ – натиҷаҳои молиявӣ ва истифодаи онҳо;

- баҳисобгирии истеҳсолӣ ва махсусгардонидашуда - ҳадди аксар моликият.

Муаллиф гуфтаҳои худро дар ҷадвали 2.2. (саҳ 75) ҷамъбаст намудааст, ва ба ақидаи мо ҷадвали мазкур ифодакунандаи ҳадаф ва мақсади муаллиф мебошад.

Дар зербоби 2.2. (саҳ 84-111) нақшаи амалкунандаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ пешниҳод гардидааст. Муаллиф пас аз таҳлили нақшаи ҳисобҳои амалкунанда чунин хулосабарорӣ намудааст, ки баъзе қисматҳои нақшаи ҳисобҳои амалкунанда ба талаботи СБҲМ мувофиқат намекунад (саҳ. 98), аз ҷумла боби якуми нақшаи ҳисобҳо, ки “Воситаҳои пули ва ҳамарзишҳои он” номгузорӣ гардидааст, бояд ба “Воситаҳои пулӣ ва маблағгузории молиявӣ”иваз карда шавад, инчунин аз нақшаи ҳисобҳо ҳисобҳо “Ҳуҷҷатҳои пулӣ” хориҷ карда шаванд, ба нақшаи ҳисобҳо ҳисоби алоҳидаи “Муодили пулӣ” дохил карда шавад. Дар баробари ин муаллиф маҳз дар ҳамин зербоб чанд пешниҳоди дигар низ дорад, ки воқеъан дар амал татбиқ намудани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Зербоби 3.3. (саҳ 111-130) муаллифи диссертатсия нақшаҳои ҷадиди баҳисобгирии молиявӣ ва идоракуниро пешниҳод намудааст, ки воқеъан боиси дастгирист. Муаллиф дар ин зербоб моделҳои мухталифи сохтани нақшаи ҳисобҳо ва алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракуниро (расми 2.7., саҳ. 114) пешниҳод намудааст, вале ба ақидаи ӯ тарҳрезии нақшаи ҳисобҳо хусусан ҳангоми баҳисобгирии идоракунӣ зарурати татбиқи муодилаи «Хароҷот - Истеҳсол - Натиҷа» (дар мафҳуми муосири «даромад-хароҷот») амалан татбиқ карда шавад, ҳамаи гуруҳҳои дар ҷадвали 2.7. овардашударо дар бар мегирад.

Дар боби сеюми диссертатсия (саҳ. 133-170) муаллиф такмили низоми ҳисобҳо дар шароити татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявиро пешниҳод намудааст. Дар ин боби диссертатсия роҳу усулҳои такмили низоми нақшаи ҳисобҳо, аз ҷумла моделсозии онҳо ба таври возеҳу равшан оварда шудааст.

Дар зербоби 3.1. (саҳ 133-152) аз ҷониби муаллиф моделсозии нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ дар шароити татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ пешниҳод гардида, муаллиф фикри худро бо пешниҳоди таснифоти модели «Низоми идоракунии нақша ва баҳисобгирии идоракунии ҳисоб» ҷамъбаст намудааст.

Дар ин зербоб муаллиф дар баробари пешниҳоди принсипҳои нақшаи ҳисобҳо (саҳ. 133), инчунин раванди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои истеҳсолиро (расми 3.1, саҳ. 137) пешниҳод намудааст ва ба андешаи муаллиф нақшаи ҳисобҳо дар корхонаҳои истеҳсоли бояд ба тартиби мазкур пурра мувофиқат намояд.

Дар ҷадвали 3.4 (саҳ. 139) аз ҷониби муаллифи диссертатсия модели низомҳои нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ пешниҳод гардидааст ва таҳияи нақшаи ҳисобҳо дар асоси модели мазкур мувофиқатии нақшаи ҳисобҳоро ба талаботи СБҲМ таъмин менамояд.

Муаллиф дар расми 3.2.-и зербоби мазкур (саҳ. 148) меъёрҳои ташаккули баҳисобгирии дороиҳои молиявии ширкатро дар асоси алгоритми пайдарпайии таҳияи ҳисобҳо пешниҳод намудааст, ки он се зинаро дар бар мегирад. Дар ин самт мо метавонем бо муаллифи диссертатсия ҳамақида бошем, зеро агар воқеъан он се зинаи тариқи алгоритми пайдапайи пешниҳодгардида дуруст ва пурра риоя гардад, ҳисоботи молиявии пешниҳодшаванда метавонад ҳамаи эҳтиёҷоти иттилоотии истифодабарандагонро қонеъ намояд.

Зербоби 3.2.-и рисолаи мазкур такмили сиёсати баҳисобгирӣ ва таҳияи нақшаи кории ҳисобҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ гардида, дар он муаллифи диссертатсия сиёсати баҳисобгирии намунавиро, ки мехоҳад дар оянда мавриди амал қарор гирад, пешниҳод намудааст. Ба ақидаи муаллиф дар корхонаҳои хурд, ки шумори ками амалиётҳоро иҷро менамоянд, ба ҳисобҳои куллии дар нақшаи ҳисобҳо мавҷудбуда илова намудани зерҳисоб кифоя аст, аммо барои корхонаҳои калон, ки ба якборагӣ дар чанд самт фаъолият менамоянд, муаллифи диссертатсия тасҳеҳи инфиродии нақшаи ҳисобҳоро (расми 3.5, саҳ 164) пешниҳод намудааст ва дар ин радиф метавон ақидаи муаллифро дастгирӣ намуд. Зеро ташкил ва такмили дурусти сиёсати баҳисобгирӣ ифодакунандаи нақшаи ҳисобҳои истифодашаванда дар корхона буда, бе мавҷудият ва ҳатто номукаммалии сиёсати баҳисобгирӣ ташкили дурусти баҳисобгирии муҳосибӣ ғайриимкон аст.

Дар умум чи тавре, ки муаллиф қайд менамояд, такмили сиёсати баҳисобгирии муҳосибии ба талаботи замон ҷавобгӯй метавонад ба ташкили низоми мукаммали баҳисобгирии муҳосибӣ кӯмакрасон бошад.

Дар хулоса ва пешниҳодот натиҷаҳои таҳқиқотии диссертатсия ва тавсияҳои хусусияти назариявӣ ва амалидошта, нишон дода шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили илмию амалии бисёрсолаи муаллиф доир ба ҷанбаҳои гуногуни рушди нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ - молиявӣ ва баҳисобгирии

идоракуниро фаро гирифтааст. Баъзе коркардҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида ҳангоми мукаммалгардонии санадҳои меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ Вазорати молияи Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд аз манфиат холӣ нахоҳад буд. дар баробари ин агар ташкилотҳои аудиторӣ ва ташкилотҳое, ки дар самти барномасозии корхонаҳои ватанӣ иштирок доранд, агар аз пешниҳоду тавсияҳои муаллиф истифода намоянд, қадами муҳиме барои рушди низоми ҳисобдорӣ дар корхонаҳо хоҳад буд.

Аҳамияти иқтисодӣ натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки пешниҳодҳои оварда шуда метавонанд барои мутобиқ намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба СБҲМ ва такомули он мусоидат намоянд, ки низоми мазкур ба фаъолияти минбаъдаи корхонаҳо таъсири мусбат мерасонад. Дар амал татбиқ намудани пешниҳодҳои унвончӯ на танҳо рушди низоми баҳисобгирӣ дар Тоҷикистон саҳм мегузорад, балки ба дастрасии маълумоти саривақтиву саҳеҳ ва ба ин васила барои ҳавасмандгардонӣ ҷалби сармоягузорон ба иқтисоди мамлакат низ саҳмгузор мегардад.

Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Нақшаи мукаммали ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои таъмини шаффофият ва боэътимодии маълумоти молиявии корхонаҳо зарур аст. Ин ба мақомоти давлатӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти молиявӣ ва андозбандиро назорат кунанд. Ҳамчунин, он ба устувории иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷонибҳои манфиатдор дар ҷомеа мусоидат мекунад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Вобаста ба мавзуи интихобгардидаи таҳқиқотӣ 27 мақолаи илмӣ, ки 12,2 ҷузъи чопиро (аз ҷумла 7,49 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) ташкил медиҳанд, нашр гардидааст. Аз ин маҷмуъ 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи барасмияидарории диссертатсияи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, фарзияи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ, сарчашмаи маълумоти таҳқиқоти диссертатсионӣ, даврaҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои

таҳқиқоти диссертатсионӣ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот оид ба мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ҷиҳатҳои муҳими онро инъикос менамоянд. Меъёрҳои дигари диссертатсия вобаста ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқотиро пурра дар бар гирифта, мутобиқ ба талботи мавҷуда таҳия гардидааст.

Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари бартариятҳо баъзе камбудиҳоро вохурдан мумкин аст. Вале камбудиҳои мавҷуда мазмуну муҳтавои диссертатсияро коста намегардонад:

1. Чи тавре, ки ба ҳамаи мо аён аст, айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагидории субъектҳои хоҷагидор, ҳамчунин нақшаи ҳисобҳои муассисаҳои буҷетӣ ва нақшаи ҳисобҳо барои муассисаҳои бонкӣ истифода мегардад. Аммо натиҷаи омӯзиши мо нишон дод, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар боби 2, зербоби 2.2. танҳо таҳлили нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагидории субъектҳои хоҷагидор мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Ба фикри мо агар муаллиф ҳар се нақшаи ҳисобҳои амалкунандаро таҳлил менамуд, ба манфиати кор буд.
2. Омӯзиш, таҳлил ва пешниҳодҳои муаллиф дар диссертатсия а таври умумӣ сурат гирифтааст. Мо чунин меҳисобем, ки агар муаллиф соҳаи мушаххасеро (масалан истеҳсолот, савдо ва ё хизматрасонӣ) таҳлил намудаву, маҳз барои такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳои ҳамон соҳа тадқиқот мегузаронид, беҳтар буд.
3. Дар зербоби 2.3. муаллифи диссертатсия низоми ҷадиди нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракуниро пешниҳод намудааст, аммо роҳу усулҳои татбиқи амалии онро пешниҳод накардааст. Агар муаллиф чигуна дар амал татбиқ намудани онҳоро нишон медод, аз манфиат холӣ набуд.
4. Дар зербоби 3.2. муаллифи диссертатсия оид ба муҳимият, зарурат ва роҳҳои такмили сиёсати баҳисобгирӣ маълумот додааст, аммо омӯзиши диссертатсия ва замимаҳои он нишон дод, ки аз ҷониби муаллиф сиёсати баҳисобгирии намунавӣ пешниҳод карда нашудааст. Агар муаллиф дар

доираи тадқиқоти худ намунаи сиёсати баҳисобгирии мукаммалгардидаро пешниҳод менамуд боз беҳтар буд.

5. Чи тавре, ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкатҳои зиёде ба коркард ва васли барномаҳои махсуси ҳисобдорӣ, аз ҷумла барномаи 1С:Муҳосибот машғуланд, аммо на ҳамеша барномаҳои мазкур ба талабот ҷавобгуянд. Агар муаллифи диссертатсия оид ба омӯзиш ва роҳҳои такмили барномаҳои мазкур, аз ҷумла такмили нақшаи ҳисобҳо дар ин барномаҳо дар диссертатсия маълумот пешниҳод менамуд, аз манфиат холӣ набуд.

Маврид ба зикр аст, ки эродҳои ҷойдошта хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба сатҳи илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ халал ворид намекунанд. Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионӣ таҳқиқоти мукаммали илмӣ ва мустақилонаи унвончӯ буда, ба яке аз масъалаҳои муҳими илми бахисобгирӣ бахшида шудааст.

Хулосаи умумӣ. Диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович дар мавзуи «Такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ» таҳқиқоти анҷомшуда ба ҳисоб рафта, ба талаботи муқарраршудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 31, 33, 34 ва 35 "Тартиби доданаи дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ" аз 30 июни соли 2021, М267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои ноил гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.18 — Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
Муқарризи расмӣ, доктори фалсафа (PHD),
и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити
ДДОТ ба номи С. Айнӣ **Манучеҳри Н.Р.**

Имзои доктори фалсафа (PHD), Манучеҳри Н.Р.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Қодирзода С.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Телефон: +992(37) 224-13-83, +992 98 711 9999
E-mail: nozimi@yandex.com
WWW:tgpu.tj, E-mail: info@tgpu.tj